Ба Шӯрои диссетатсионии 6D.КОА-030-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Ғайратова Фотима Асламшоевна дар мавзӯи «Ифротгароии ҷавонон дар Осиёи Марказӣ: моҳият ва мушкилоти муқовимат бо он», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) пешниҳод шудааст.**

Дар замони муосир ифротгароии ҷавонон, бахусус бар асари зоҳирёбии амалҳои даҳшатафкании террористӣ омили чашмгири ноором сохтани ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсии аксари давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ шудааст. Фаъолияти созмонҳои ифротгаро дар байни ҷавонон, ки барои заиф гардонидани сохторҳои давлат ва ахиран тағйири сохти ҷамъиятӣ - сиёсии кишварҳо бо усулҳои зуроварона равона шудааст, яке аз хатарҳои ҷиддии нигаронкунанда ба амнияти минтақаи Осиёи Марказӣ гардидааст. Ҳалли мушкилоти зикршуда бе таҳлили амиқи сабабҳои ба вуҷуд омадани зуҳуроти таҳқиқшаванда, дарки равандҳои паҳншавии назария ва амалияи ифротгароӣ дар минтақа ғайри имкон аст. Мураккабшавӣ ва печида гардидани масъалаи ифротгароии ҷавонон дар қаринаи таъмини амнияти миллӣ ва минтақагароии кишварҳои Осиёи Марказӣ тайи солҳои зиёд ба назар мерасад. Дар равандҳои сиёсии имрӯзаи минтақа тағйиротҳои ҷиддии алоқаманд ба тадриҷан фаъол гардидани нақши ҷавонон дар ҳаёти ҷомеа ба назар мерасанд, ки ба ташаннуҷи мубоизаи рақобатноки бозингарони сиёсӣ ҷиҳати нуфуз ба насли ҷавон оварда расонидааст. Ифротгароии ҷавонон дар доираҳои илмӣ чун таҳдиди ғайрианъанавӣ ба амният арзёбӣ шуда, бешубҳа аз масоили мубрами илмҳои ҷомеашиносии муосир: таърих, фалсафа, равоншиносӣ, диншиносӣ, сотсиология ба шумор меравад. Аз ин хотир, ба мавзӯи мазкур

теъдоди нисбатан зиёди таҳқиқотҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ бахшида шудааст. Махсусан, силсилаи таҳқиқотҳо дар ин самт дар охири солҳои 90-уми қарни гузашта ва баъди ҳодисаҳои маълуми 11 сентябри соли 2001 дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико афзудаанд. Осори дар солҳои охир интишоршуда оид ба масъалаи мазкур, на ҳама вақт ба сифати таҳқиқот ҷавобгӯ буда, танҳо теъдоди маҳдуди он дар миёни таҳқиқотҳо арзиши илмии воқеиро соҳибанд.

Дар диссертатсия муаллиф кӯшиш намудааст, ки хусусиятҳои муҳимми ифротгароии ҷавононро сабаб ва омилҳои шомилшавии онҳо ба ҳар гуна ҳизбу ҳаракатҳои хислати ифротидоштаро дар минтақаи Осиёи Марказӣ таҳлилу барраси намояд ва сабабҳои пайдоиш ва роҳу воситаҳои пешгирӣ намудани онро муайян созад. Барои амалӣ намудани ин ҳадаф дар диссертатсияи худ муаллиф ба масъалаҳои зерин диққати бештар дода, онҳоро ба таври ҷиддӣ мавриди омӯзиш қарор додааст:

1. Муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки моҳият ва хусусиятҳои муҳимми шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротиро дар минтақаи Осиёи Марказӣ ҳамаҷониба таҳлил намуда, ҷанбаҳои назариявию методологии онро нишон диҳад;

2. Сабабҳо ва омилҳои ифротгароии ҷавонон, пайдоиши ифротгароии дар байни онҳо ва сабабҳои онро омӯхта, роҳу воситаҳои муосири муқовимат бо онро дар минтақаи Осиёи Марказӣ нишон диҳад;

3. Хусусиятҳои муҳимми ифротигароии дини ва сиёсикунонии ифротгароиро мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода, нишонаҳои онҳоро ҳамчун омили бавуҷудоварандаи ифротгароии динию мазҳабӣ дар минтақа муаррифӣ намудааст;

4. Самтҳои гуногуни паҳншавии ифротгарои ҷавононро дар Осиёи Марказӣ таҳлил намуда, паҳн гардидани ғояҳои тундгароӣ ва ифротгароӣ дар миёни ҷавонон ва дар қишрҳои дигари ҷомеаро таҳқиқ кардааст;

5. Пайдоиш ва густариши ифротгароии ҷавононро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои афзалиятноки таҳқиқотро ташкил намуда, дар

ин қисми диссертатсия заминаҳо, сабабҳо ва омилҳои бавуҷудоварандаи ифротгароии онҳоро дар кишвар нишон дода шудаанд;

6. Дурнамои муқовимат бо ифротгароии ҷавонон дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва монеаҳои дар ин самт мавҷудбуда таҳлилу баррасӣ гардида, барои коҳиш додани таъсири манфии он тавсияҳои амалӣ пешниҳод карда шудаанд.

Аз ин рӯ, яке аз дастовардҳои таҳқиқот бо талаботи айнан ба миён омадаи таҳияи тавсияҳои амалӣ, барои боло бурдани самаранокии воситаҳои таъмини амнияти давлатҳои минтақа дар шароити ташдиди ноустувории сиёсати хориҷии давлатҳо дар қаринаи густариши таҳдиди ифротгароии ҷавонон асоснок мешавад. Таҳияи барномаи амалии рафъи хатарҳои мазкур, дар заминаи таҳлили интиқодии асарҳои илмии марбут ба масъалаи ифротгароии диниву сиёсии ҷавонон, арзёбии воситаҳои мавҷудаи таъмини амнияти миллии давлатҳои минтақа ба амал баровардa шудааст.

Муаллиф дар доираи диссертатсия назарияи сиёсат, дарк ва амалияро ба таври мушаххас таҳлил намуда, ҷанбаҳои калидии ин назария дар омӯзиши масъалаи ифротигарои ҷавононро дар минтақа чунин нишон дода шудааст:

1. Новобаста ба афзудани теъдод ва сифати таҳқиқоти солҳои охир, ки ба таҳлили мавзӯи ифротгароӣ бахшида шудаанд, бесарусомонӣ ва норавшанӣ дар масъалаи мушаххассозӣ ва таснифи падидаи мазкур боқӣ мондааст.

Гуногунии рафтору равишҳо ба истилоҳҳои мавриди назар, ки на танҳо дар воситаҳои ахбори омма, балки дар байни сиёсатшиносон ва ҳатто коршиносон ба назар мерасанд, ба махлутшавии номатлуби ин зуҳурот оварда мерасонад. Бинобар ин зарурати мушаххассозӣ ва марзгузориҳо дар корбурди истилоҳҳо (аз қабили ифротгароии сиёсӣ, динӣ, қавмӣ, ҷавонон) пеш омадааст.

2. Дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI ифротгароии ҷавонон дар байни ҳамаи навъҳои ифротгароӣ ба мақоми аввал баромадааст. Бо дарназардошти миқёс, дараҷаи нуфуз, андозагириҳои миқдорӣ ва сифатӣ, созмонёбӣ, ифротгароӣ дар байни ҷавонон, сареҳан дар байни дигар навъҳои ифротгароӣ чашмрас буда, ҳамзамон дар пайванди зич бо дигар намудҳои ифротгароӣ, аз қабили қавмиву мафкуравӣ рушд ёфтааст.

3. Дар замони муосир ифротгароии ҷавонон, бахусус бар асари зоҳирёбии амалҳои даҳшатафкании террористӣ омили чашмгири ноором сохтани ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсии аксари давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ шудааст. Фаъолияти созмонҳои ифротгаро дар байни ҷавонон, ки барои заиф гардонидани сохторҳои давлат ва ахиран тағйири сохти ҷамъиятӣ - сиёсии кишварҳо бо усулҳои зӯроварона равона шудааст, яке аз хатарҳои ҷиддии нигаронкунанда ба амнияти минтақаи Осиёи Марказӣ гардидааст.

4. Густариши ифротгароии ҷавонон дар минтақаи Осиёи Марказӣ, дар маҷмуъ дар маҷрои умумии қонуниятҳои умумии инкишофи падидаи ҷаҳони имрӯза сурат гирифта истодааст. Ҳамзамон ба иллати мавҷудияти як қатор омилҳои хислати таърихӣ, геополитикӣ, дохилисиёсӣ, иқтисодӣ дошта ифротгароии ҷавонон дар Осиёи Марказӣ ва аз он ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор махсусият ва вижагиҳои хоси худро дорад, ки омӯзиш ва таҳлили онҳо дар диссертатсия ба амал бароварда шудааст.

Дар диссертатсия сабаб ва омилҳои ифротишавии ҷавононро дар минтақаи Осиёи Марказӣ, роҳҳо ва усулҳои муосири муқовимат бо он, моҳият ва мушкилотҳои муқовимат бо онро таҳлил гардида, кушишу ҳамкориҳои кишварҳои минтақаро барои пешгирии ин раванд нишон дода шудааст.

Муаллиф қайд менамояд, ки новобаста ба аниқ ва ба назар содда будани мундариҷаи мафҳуми ифротгароӣ дар доираи коршиносон фаҳмиш ё худ шарҳи гуногуни зуҳуроти мазкур вуҷуд дорад. Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ ҳангоми ифтитоҳи

конфронси байналмилалии сатҳи баланд дар мавзӯи “Муқовимат бо терроризм ва ифротгароии хушунатомез”, ки 4 майи соли 2018 дар шаҳри Душанбе баргузор гардид, аз вусъату боло рафтани ҷунбишҳои ифротгароиву террористӣ дар манотиқи гуногуни дунё изҳори нигаронӣ карда таъкид карда буд, ки хусусияти глобалии хатари терроризм ва ифротгароӣ ҷиддан тақозо менамояд, ки нисбат ба ин ду мафҳум мавқеъ ва меъёрҳои ягонаву умумӣ таҳия ва қабул карда шаванд. Тайи солҳои охир ифротгароӣ дар давраи бесуботии сиёсӣ, заъфии ниҳодҳои давлатӣ ва инчунин буҳрони иқтисодиву иҷтимоӣ ва маънавӣ хеле фаъол мегардад. Ба иловаи омилҳои умда, баъзе муҳаққиқон аз гурӯҳи омилҳое ёдовар мешаванд, ки ғайримустақим метавонанд ба зуҳур ва густариши ифротгароӣ мусоидат кунанд. Аз қабили бесамарии низоми байналхалқӣ ё дохилидавлатии мубориза бо зуҳуроти ифротгароӣ, фарҳанги пасти сиёсиву ҳуқуқии мардум, бахусус гурӯҳҳои алоҳидаи онҳо, сардшавии робитаҳои байнидавлатӣ, болоравии ташаннуҷи иҷтимоӣ ва монанди инҳо

Дар баробари комёбиҳои диссертатсия, ироаи пешниҳоду эродҳои зерин зарурӣ мебошанд:

1. Дар дессертатсия теъдоди зиёди маводу адабиёт истифода гардидааст, вале шумораи иқтибосҳо аз олимону масъалашиносони қазоқ, туркмен, ӯзбек ва қирғиз хеле кам мебошанд;

2. Дар таҳқиқот асосан маводҳо бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ истифода гардидаанд, вале теъдоди сарчашмаҳо бо забони англисӣ ва забонҳои расмии давлатҳои минтақа хеле кам аст;

3. Дар диссертатсия муаллиф кам кушиш намудааст, ки ҳамкориҳои сохторҳои қудратии кишварҳоро доир ба пешгирии ифротигароӣ ҷавонон дар минтақаро ба таври зарури нишон бидиҳад. Шояд ин аз дастнорас будан ё махфи будани ҳуҷҷатҳо бошад;

4. Нақши кишварҳои манфиатдор дар минтақа барои пешгирии ифротишавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои хислати ифротидошта, сармоягузориҳо доир ба ҳалли ин мушкилот нишон дода нашудааст.

Новобаста аз пешниҳоду эродҳои ироашуда, диссертатсия ба баҳои мусбӣ арзанда буда, ба тамоми талаботҳое, ки барои таҳияи диссертатсияи номзадӣ пешниҳод шудааст, ҷавобгӯй мебошад.

Ғайратова Фотима диссертатсияи мустақили илмӣ-тахассусии анҷомёфтаро оид ба мавзӯи мубрами илми таърихи муносибатҳои байналмилалӣ пешниҳод намудааст, ки муқаррароти асосии он дар автореферати таҳқиқот инъикоси худро пайдо намудааст. Диссертатсияи мазкур саҳми шахсии муаллиф дар инкишофи рушди илм, маориф ва фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Аҳаммияти илмии диссертатсия ба он вобастагӣ дорад, ки дар он роҳу усулҳои мусбат аз ҷиҳати назариявӣ асоснок баҳри ҳалли масъалаҳои мубрами муосири кишварҳо дар ҳалли пешгирии ифротигароии ҷавонон дар минтақа пешниҳод карда шудааст. Автореферат ба мазмуни диссертатсияи номзадӣ мувофиқат менамояд.

Батартибандозӣ ва мазмуни дастнависи диссертатсия ва автореферати Ғайратова Ф.А. асосан ба талаботи муқарраршудаи тартиби омода намудани диссертатсияи номзадӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих мутобиқат менамояд. Вобаста ба ин, диссертатсияи Ғайратова Ф.А. дар мавзӯи «Ифротгароии ҷавонон дар Осиёи Марказӣ: моҳият ва мушкилоти муқовимат бо он», барои рушди илм, таъмини амният ва пешбурди сиёсати хориҷии кишварҳои минтақа аҳамияти муҳим ва саривақтӣ дошта, ҳамзамон кори илмӣ-тахассусии ба анҷомрасида буда, дар он муқарароти назариявӣ ва амалӣ таҳия ва пешниҳод карда шудааст, ки онҳо барои ҳалли мусбати як зумра масъалаҳо ва мушкилоти вобаста ба мавзӯи таҳқиқотӣ ҷойдошта имконият медиҳанд.

Диссертатсияи мазкур ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзӯи диссертатсия, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2017, таҳти №3/1 тасдиқ шудааст,

ҷавобгӯ буда, муаллифи он Ғайратова Ф.А. сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси 07.00.15 – таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) мебошад.

Тақризи мазкур бо назардошти талаботи муқаррарнамудаи бандҳои 74-75-и Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри сол 2016, №505 тасдиқ гардидааст ва банди 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри сол 2016, №505 тасдиқ гардидааст. омода ва пешниҳод гардидааст.

**Номзади илмҳои таърих, дотсент,**
**муовини сардори Раёсати илм ва инноватсияи**
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории**
**Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ** **Қудратов К.А.**

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донигоҳи давлатии омузгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ, 734003, ш.Душанбе, х. Рудаки, 121;
Тел: (+992) 372-224-13-83, info@tgpu.tj

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Имзои Қудратов К.А.-ро тасдиқ мекунам:**
**сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои**
**махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ** **Назаров Д.Х.**